| | |
|---|---|
| «Мувофиқа карда шудааст»<br>Вазири молияи<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>__________С.Наҷмиддинов<br>аз «02» ноябри соли 2012<br>№3-12/712 | «Тасдиқ карда шудааст»<br>бо Фармоиши<br>Кумитаи андози назди<br>Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>аз «09» ноябри соли 2012<br>№4-Ф |

# Дастурамал дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали мазкур дар асоси талаботи қисми 4 моддаи 254 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия шуда, тартиби ҳисоб ва ба буҷет пардохт намудани андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро (минбаъд – андоз) муайян менамояд.

## 2.Андозсупорандагон

2. Супорандагони андоз шахсоне мебошанд, ки мутобиқи талаботи Кодекси андоз низоми умумии андозбандиро истифода мебаранд.

***Мисол.*** *ҶСК "Азиз" дар моҳи майи соли 2013 бақайдгирии давлатиро гузашта тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолияти худро оғоз намуд. Дар давоми ҳамин сол даромади умумии ба усули кассавӣ ҳисобшудаи ҷамъият маблағи 720,0 ҳазор сомониро ташкил дод. Андозсупоранда оид ба ҳаҷми даромади умумӣ сана 9 январи соли 2014 бо тариқи хаттӣ мақоми андози маҳалли баҳисобгириашро хабардор намуд ва аз 1 январи ҳамин сол ба низоми умумии андозбандӣ гузаронида шуда, супорандаи андози мазкур гардид.*

3. Дар он қисмате, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, фаъолияти соҳибкории чунин шахсон бояд андозбандӣ гардад, дороиҳо ва фаъолияти онҳо, ки бевосита ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманданд, бояд дар алоҳидагӣ (ҷудо аз фаъолияти асосӣ) ба ҳисоб гирифта шаванд.

***Мисол.*** *Фаъолияти асосии муассисаи "Савоб" эҳсонкорӣ мебошад, аммо муассиса сехи шарбатбарории "Бахт" – ро ба иҷора гирифта, аз истеҳсол ва фурӯши шарбат даромад гирифт.*

*Аз ин рӯ, ин қисмати фаъолияти муассиса ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, супорандаи андози зикргардида ба ҳисоб меравад.*

4.Андозсупорандагоне, ки низоми махсуси андозбандиро истифода мебаранд аз пардохти андози мазкур озод мебошанд.

Ҳангоми аз ҷониби супорандагони андози ягона амалӣ намудани фаъолияти ғайрикишоварзӣ нисбат ба чунин фаъолият истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ – супорандагони андози ягона (дар ҳолати аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд гардидани даромади умумӣ) иловатан супорнадаи андози мазкур ба ҳисоб мераванд ва бояд ҳисоботи алоҳидаи даромаду хароҷотро аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ пеш баранд.

5. Оид ба низоми имтиёзноки андозбандӣ:

а) Субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар доираи фаъолияти дар минтақаи озоди иқтисодӣ амалишаванда аз пардохти андози мазкур озод карда мешаванд.

Имтиёзи андоз барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ танҳо ба он қисми фаъолияти онҳо, ки он дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба анҷом расонида мешавад, амал мекунад.

б) Дар давраи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишгари сохтмон ва пудратчии генералии сохтмон метавонанд аз пардохти андози мазкур (аз лаҳзаи фаро расидани мӯҳлати пардохт), ки бевосита ба сохтмон алоқаманд мебошанд, ба андоза ва мӯҳлати (давраи) муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ё қисман озод карда шаванд;

в) Ҳангоми иҷрои созишнома оид ба тақсими маҳсулот, ки шартҳои тақсими маҳсулоти истеҳсолшударо мутобиқи қисми 1 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» пешбинӣ менамояд, сармоягузор андози мазкурро пардохт менамояд

г) Корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) машғул мебошанд, андози мазкурро пардохт менамояд.

## 3. Объект ва манбаи андозбандӣ

6. Бо назардошти маҳдудиятҳои дар банди 8 ҳамин Дастурамал пешбинишуда, объект ва манбаи андозбандӣ маблағи ҳамаи хароҷотҳои аслӣ, дар давраи ҳисоботии андоз барои молҳои (корҳои, хизматҳои) кардашудаи (кардашавандаи) андозсупоранда, дар ҳаҷми пурра мебошад, аз ҷумла:

- хароҷот дар шакли пулӣ ва шакли молӣ барои молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо;
- хароҷоти коргарони кироя (хароҷоти фонди музди меҳнат);
- хароҷоти пардохти андозҳое, ки ҳангоми ҳисобкунии андози фоида ба арзиши аслии молҳо (корҳо хизматрасониҳо) дохил мешаванд;
- ҷарима ва фоизҳо;

- хароҷоти харидани ашёи хом, мавод, энергия;
- хароҷоти намояндагӣ;
- хароҷот барои тадқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ;
- ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғурта;
- ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ;
- хароҷоти таъмири воситаҳои асосии истеҳлокшаванда;
- хароҷот нисбати саҳмҳои суғуртавӣ;
- хароҷот барои корҳои ҷустуҷӯию геологӣ ва омодагӣ ба истихроҷи захираҳои табиӣ;
- зарар ҳангоми фурӯш ё супоридани амвол ва дигар хароҷотҳо, ба истиснои хароҷот барои сохтмон, хариди воситаҳои асосӣ ва насб кардани онҳо, дигар хароҷоте, ки хусусияти капиталӣ дошта, бояд минбаъд дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ тарҳ карда шаванд.

***Мисол:*** *Корхонаи «Амина», ки ба фаъолияти савдо машғул мебошад, дар моҳи феврал аз корхонаи «Бону» ба маблағи 100,0 ҳазор сомонӣ 50 тонна орд харидорӣ намуд.*

*1) Аз фурӯши минбаъдаи як қисми орд дар ҳамин моҳ ба суратҳисоби корхонаи «Амина» 60,0 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардид (25 тонна * 2,4 сомонӣ). Бақияи арзиши мол ба ҳолати 1 март 25 тонна ордро ба маблағи 50,0 ҳазор сомонӣ ташкил менамояд. Дар моҳи феврал ҳамаи хароҷоти корхона дар маҷмӯъ маблағи 56,0 ҳазор сомониро ташкил менамояд, аз ҷумла арзиши моли таҳвилшуда 50,0 ҳазор сомонӣ, хароҷоти роҳ ва кашонидани мол 1,0 ҳазор сомонӣ, пардохти музди меҳнат ба кормандон 4,0 ҳазор сомонӣ ва пардохти андози иҷтимоӣ 1,0 ҳазор сомонӣ.*

*Аз ин рӯ, маблағи андози ба ҳолати 15 март ба буҷет пардохтшаванда 280 сомониро (56,0ҳ.с. * 0,5%) ташкил медиҳад.*

*2) Корхона дар давоми моҳи март як қисми бақияи молро ба маблағи 50,0 ҳазор сомонӣ (20 тонна x 2,5 сомонӣ) таҳвил намуд. Хароҷоти умумии дар ҳамин моҳ кардашуда маблағи 47,0 ҳазор сомониро ташкил менамояд, аз ҷумла арзиши моли таҳвилшуда 40,0 ҳазор сомонӣ, хароҷоти музди меҳнати кормандон 4,0 ҳазор сомонӣ, хароҷоти андози иҷтимоӣ 1,0 ҳазор сомонӣ ва дигар хароҷотҳо 2,0 ҳазор сомонӣ.*

*Бинобар ҳамин, манбаи андоз барои моҳи март дар маҷмӯъ маблағи 47,0 ҳазор сомонӣ ва маблағи андози ба буҷет пардохтшаванда 235 сомониро (47,0ҳ.с. * 0,5%) ташкил медиҳад.*

*3) Дар моҳи апрел корхона бақияи молро ба маблағи 22,0 ҳазор сомонӣ (5 тонна * 4,4 сомонӣ) таҳвил намуд. Хароҷотҳои ҳамин моҳ маблағи 15,0 ҳазор сомониро (арзиши моли таҳвилшуда 10,0 ҳазор сомонӣ, музди меҳнати кормандон 4,0 ҳазор сомонӣ ва пардохти андози иҷтимоӣ 1,0 ҳазор сомонӣ) ташкил намуд.*

*Бинобар сабаби он, ки хароҷоти корхона дар давраи ҳисоботӣ аз 70 фоизи даромади умумӣ (15,0ҳ.с. / 22,0ҳ.с. * 100 = 68,2%) кам мебошад, манбаи анодоз баробари 70 фоизи даромади умумӣ (22,0ҳ.с. * 70%) қабул карда мешавад ва маблағи андоз 77 сомониро (15,4ҳ.с. * 0,5%) ташкил*

*медиҳад.*

***Мисол:*** *ҶДММ «Гулистон» дар давоми соли 2012 ба маблағи 100,0 ҳазор сомонӣ воситаҳои асосии гурӯҳи 2 (таҷҳизотҳои истеҳсолии ресандагӣ) харидорӣ намудааст. Арзиши воситаҳои асосии гурӯҳи 2 андозсупоранда дар охири соли 2012 маблағи 100,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Тарҳи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ нисбати воситаҳои асосии гурӯҳи 2 барои соли 2012 ба маблағи 15,0 ҳазор сомонӣ (100,0 ҳ.с. * 15% меъёри ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ) дар эъломияи моҳи декабри соли 2012 ба манбаи андоз дохил карда мешавад. Андозсупоранда метавонад аз 12/1 қисми солонаи андозро ба маблағи 25 сомонӣ (15,0 ҳ.с. * 2% / 12) ҳар моҳ аз аввали (моҳи) соли 2013 ба эъломияи андоз дарҷ намояд. Дар ҳолати тағйир ёфтани арзиши воситаҳои асосии гурӯҳи 2 дар охири соли 2013 тарҳи ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ дар моҳи декабри соли 2013 тасҳеҳ карда мешаванд.*

7. Дар сурате, ки хароҷоти кардашудаи (кардашавандаи) андозсупоранда дар давраи ҳисоботии андоз аз 70 фоизи даромади умумии дар ҳамин давра ба дастомада зиёд набошад, он гоҳ манбаи андоз баробари 70 фоизи даромади умумӣ аз ҳамаи намуди фаъолият, бо тарҳ намудани пардохтҳо (ҳисобкуниҳо) барои молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки қаблан ба манбаи андозбандии давраҳои андози гузашта дохил шудаанд, дониста мешавад.

***Мисол:*** *Даромади умумии ҶСП "Бахтиёр" дар моҳи апрел маблағи 200,0 ҳазор сомониро ташкил намуд. Ҳамаи хароҷоти андозсупоранда дар ҳамин моҳ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва эъломияи андоз 120,0 ҳазор (120,0 ҳ. / 200,0 ҳ. * 100 = 60%) сомониро ташкил медиҳад.*

*Дар ин маврид манбаи андоз баробари 70 фоизи даромади умумӣ ба маблағи 140,0 ҳазор сомонӣ (200,0 * 70%) қабул карда мешавад.*

8. Ба объект ва манбаи андозбандӣ инҳо дохил намешаванд:

- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгарди ҳисобшуда (ба буҷет пардохташуда);

- андозҳое, ки ҳангоми ҳисобкунии андози фоида ба арзиши аслии молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) дохил намешаванд, яъне:

а) андози даромад (дар шакли музди меҳнат);

б) андоз аз фоида;

в) андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда, ки барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифтани он иҷозат дода намешавад;

г) аксиз;

- хароҷоти шахсоне, ки бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ ё ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ иншооти заруриро бунёд намуда, ба таври ройгон ба моликияти мақомоти дахлдори давлатӣ месупоранд;

- қарзҳои додашавандаи ташкилотҳои қарзӣ;

- арзиши молу мулки ба сифати саҳм ба сармояи оинномавӣ додашуда;

- маблағҳои пулӣ ва (ё) молу мулки ройгон ба манфиати давлат додашуда.

***Мисол.*** *Хароҷоти умуми ҶСК "Азиз", ки ба фаъолияти истеҳсолӣ машгул мебошад, дар моҳи август маблаги 900,0 ҳазор сомонро ташкил медиҳад. Аз ин 500,0 ҳазор сомонӣ барои сохтмони бинои боғчаи кӯдакона харҷ карда шудааст, ки ҷамъият онро ба моликияти мақоми давлатӣ тӯҳфа намуд.*

*Бинобар ҳамин, ба санаи 15 сентябр манбаи андози мазкур 400,0 ҳазор сомониро ташкил намуда, маблаги андоз 8,0 ҳазор сомониро (400,0ҳ.с. * 2%) ташкил менамояд.*

***Мисол:*** *Бонки тиҷоратии «Содиротбонк» дар моҳи май чунин амалиётҳоро иҷро намуд: ба маблаги 6,0 млн. сомонӣ қарз дод, ба маблаги 3,0 млн. сомонӣ даромади фоизӣ гирифт, ба маблаги 110,0 ҳазор сомонӣ фоизи пасандозӣ пардохт намуд, ҳамзамон бақияи тафовути нарх дар ин моҳ манфӣ 15,5 ҳазор сомониро ташкил намуда, хароҷотҳои дигар ба маблаги 40,0 ҳазор сомонӣ баробар шуд. Дар чунин ҳолат манбаи андози мазкур дар эъломияи моҳи май бояд дар ҳаҷми 165,5 ҳазор сомонӣ (110,0 ҳ.с. + 15,5 ҳ.с. + 40,0 ҳ.с.) нишон дода шуда, дар ҳолати меъёри андоз 2 фоиз будан, маблаги андоз 3310 сомониро (165,5 ҳ.с. * 2%) ташкил менамояд.*

9. Барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш арзиши (нархи) пардохташудаи (пардохташавандаи) молҳое, ки минбаъд бояд таҳвил (аз нав фурӯхта) шаванд, ҳамчун пардохт (ҳиссаҷудокунӣ) баррасӣ гардида, ба манбаи андозбандӣ дохил карда мешавад.

***Мисол***. *ҶДММ "Умед" ба воридот ва хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум машгул мебошад. Ҷамъият дар моҳи июл бо назардошти хароҷотҳо ба малаги 200,0 ҳазор сомонӣ мол ворид намуд ва дар ҳамин моҳ молҳои воридкардаашро ба таври яклухт ба маблаги 220,0 ҳазор сомонӣ таҳвил намуд. Бинобар ин, ба ҳолати 15 август манбаи андози мазкур 200,0 ҳазор сомонро ташкил намуда, маблаги андоз 1,0 ҳазор сомониро (200,0 ҳ.с. * 0,5%) ташкил медиҳад.*

***Мисол.*** *ҶДММ "Парвона" мутобиқи Шартнома ба ҶСК "Нефтегаз"-и Федерацияи Россия 20 июн барои 100 тонна сӯзишвори 400,0 ҳазор сомонӣ пардохт намуд. Дар доираи Шартномаи мазкур таҳвили мол аз ҷониби ҶСК "Нефтегаз" бояд дар давоми 40 рӯз баъди пардохти маблағ анҷом дода шавад. Моли харидашуда 9 август ба ҷамъияти "Парвона" ворид гардид. Инчунин, корхона як қисмати сӯзишвориро ҳамин моҳ ба фурӯш баровард. Аз ин рӯ, лаҳзаи пардохти маблағ барои хариди сӯзишворӣ дар моҳи июн ба объекти андозбандӣ дохил нагардида, ҳолати таҳвил ва фурӯши минбаъдаи он ҳамчун хароҷот эътироф мешавад. Аз ҷумла барои*

*моҳи август як қисмати хароҷоти арзиши сӯзишвории таҳвилгардида ба манбаи андозбандӣ дохил карда мешавад.*

***Мисол.*** *ҶСП "Карартау"-и Ҷумҳурии Қазоқистон тибқи Шартномаи бо ҶДММ "Нур"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда, дар моҳи апрел ба ҷамъияти "Нур" 20 тонна гадум таҳвил намуд. Дар доираи Шартнома пардохти маблағ барои гандум пас аз фурӯши минбаъдаи мол амалӣ карда мешавад. ҶДММ "Нур" моҳи май фурӯши минбаъдаи молро анҷом дода, маблағро ба ҶСП "Каратау" пурра пардохт намуд. Дар чунин ҳолат, лаҳзаи хароҷот пардохти маблағ пас аз фурӯши минбаъа (моҳи май) ба ҳисоб нарафта, балки лаҳзаи таҳвили мол, яъне моҳи апрел ба ҳисоб меравад.*

10. Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда дар як вақт анҷом додани фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш, инчунин фаъолияти дигар манбаи андоз аз рӯи ҳар намуди чунин фаъолият алоҳида ҳисоб карда мешавад.

## 4. Имтиёзҳои андоз

11. Аз андози мазкур инҳо озоданд:

а) муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ мабалғгузорӣ мешаванд, ба истисноси фаъолияти онҳо аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакӣ;

б) иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои динӣ, ташкилотҳои дигари ғайритиҷоратӣ ба истисноси хароҷот ва даромадҳои марбут ба фаъолияти соҳибкории онҳо.

***Мисол:*** *Масҷиди марказӣ дар баробари ба амал баровардани фаъолияти динӣ, аз қабили ташкил ва гузаронидани маросиму оинҳои динӣ, ҷамъомадҳои ибодатӣ ва амсоли он ба нашр ва фурӯши китобу маҷалла, яъне ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад. Дар чунин ҳолат фаъолияти Масҷид дар қисмати нашр ва фурӯши китобу маҷалла, фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, бо андози мазкур андозбандӣ карда мешавад.*

## 5. Меъёрҳои андоз

12. Меъёри андоз мутобқи моддаи 252 Кодекси андоз ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

а) аз 1 январи соли 2013 ба андозаи 0,5 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва ба андозаи 2 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият;

б) аз 1 январи соли 2015 ба андозаи 0,25 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва ба андозаи 1 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият;

в) аз 1 январи соли 2017 андоз бекор карда мешавад.

13. Таҳти мафҳумҳои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ ва таъминоту фурӯш чунин фаҳмида мешаванд:

- фаъолияти савдо – ин фаъолият доир ба таҳвили молҳое, ки аз дигар шахсон харидорӣ карда шуда, бе ягон коркард, тағйирдиҳӣ, аз нав коркарда баромадан ба истиснои амалиёти муқаррарии ба фаъолияти савдо алоқаманд *(масалан - печонидан, баркашида печонидан, басту банд кардан ва амсоли он)* минбаъд таҳвил дода мешаванд, фаҳмида мешавад.

Инчунин, фаъолияти савдо маънои онро дорад, ки дар лаҳзаи воридот ва минбаъд таҳвил кардани мол он тағйир намеёбад ва дар маҷмӯъ як хел мемонад, ба истисноӣ тағйиротҳои муқаррарӣ, ки бо риояи қоидаҳои нигоҳдорӣ алоқаманд мебошанд;

***Мисол:*** *ҶДММ «Наргис» дар моҳи январ як миқдори муайяни телевизорҳоро бо назардошти хароҷотҳо ба маблағи 100,0 ҳазор сомонӣ ворид намуд. Моли мазкур барои савдои чакана ба корхона ворид гардида, дар давоми ҳамин моҳ дар ҳамон шакл ба маблағи 150,0 ҳазор сомонӣ фурӯхта шуда, дигар хароҷотҳо маблағи 20,0 ҳазор сомонро ташкил дод. Дар ҳамин давраи ҳисоботӣ андозсупоранда дар эъломияи андоз бояд муомилоти андозбандишавандаро ба маблағи 120,0 ҳазор сомонӣ нишон дода, аз рӯи меъёри 0,5 фоиз ба маблағи 600 сомонӣ (120,0 ҳ.с. * 0,5%) андозро ҳисоб ва пардохт намояд, чунки телевизорҳо дар шакли муқаррариашон, бе ягон тағйирот (коркард) дар шакли аслӣ ба фурӯш бароварда шудаанд.*

- фаъолияти маҳсулоттайёркунӣ – ин харид, ҷамъоварии мол, ашёи хом, маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо, бо мақсади минбаъд таҳвил додани (ба фурӯш баровардани) онҳо мебошад;

***Мисол:*** *ҶСП "Амир" дар моҳи март аз хоҷагии деҳқонии «Наврӯз» 2 тонна себ ба маблағи 3,0 ҳазор сомонӣ харидорӣ намуд. Ҷамъият бо мақсади минбаъд таҳвил додан себро ба қуттиҳои пластикии 5 кг. басту банд намуд, ки ҳамаи хароҷотҳои ин амал дар ҳамин давраи ҳисоботӣ 1,0 ҳазор сомониро ташкил дод. Мол бо таври яклухт дар ҳамин моҳ ба маблағи умумии 5,0 ҳазор сомонӣ фурӯхта шуд. Дар ин маврид мол – себ коркард нашуда, фақат барои савдо, дар шакли басту банд омода карда шудааст. Бинобар ҳамин, ҷамъият дар эъломияи андоз барои моҳи март бояд муомилоти андозбандишавандаро ба андозаи 4,0 ҳазор сомонӣ (3,0 ҳ.с. + 1,0 ҳ.с.) нишон дода, андозро аз рӯи меъёри 0,5 фоиз ба маблағи 20 сомонӣ (4,0 ҳ.с. * 0,5%) ҳисоб ва пардохт намояд.*

***Мисол***: *ҶДММ «Пайкар» дар моҳи август аз хоҷагии деҳқонии «Спитамен» 5 тонна себ ба маблағи 8,0 ҳазор сомонӣ харидорӣ намуд. Корхона бо мақсади минбаъд ба содирот баровардан себро бурида, хушк намуд, ки хароҷоти он маблағи 4,0 ҳазор сомониро ташкил дод. Себи хушккардашуда дар ҳамин моҳ яклухт ба маблағи 15,0 ҳазор сомонӣ*

*фурӯхта шуд. Дар вақти тайёркунӣ ва минбаъд таҳвил додан мол аз як мол – себ, ба моли дигар – себи бурида хушк кардашуда табдил ёфт.*

*Бинобар ҳамин, ҷаъият дар эъломияи андози мазкур барои моҳи август бояд муомилоти андозбандишавандаро ба андозаи 12,0 ҳазор сомонӣ (8,0 ҳ.с. + 4,0 ҳ.с.) нишон дода, андозро аз рӯи меъёри 2 фоиз ба маблаги 240 сомонӣ (12,0 ҳ.с.* 2%) ҳисоб ва пардохт намояд.*

- фаъолияти таъминоту фурӯш – ин таҳвили мол ба харидор (шахси муайян) дар асоси супориш (фармоиш) мебошад;

***Мисол**: ҶДММ «Нафтрасон» аз рӯи шартномаи бо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) басташуда дар моҳи июн ба миқдори 30 тонн. сӯзишвории дизелӣ ба маблаги 190,0 ҳазор сомонӣ ворид намуд. Дар ҳамин моҳ ҳамон миқдор сӯзишвории дизелӣ ба шахсони зикргардида ба маблаги 220,0 ҳазор сомонӣ таҳвил гардид. Дар эъломияи худ барои моҳи июн ҶДММ «Нафтрасон» бояд муомилоти андозбандишавандаро ба андозаи 190,0 ҳазор сомонӣ нишон дода, андозро аз рӯи меъёри 0,5 фоиз ба маблаги 950 сомонӣ (190,0 ҳ.с. * 0,5%) ҳисоб ва пардохт намояд.*

## 6. Муқаррароти маъмурӣ

14. Давраи андоз моҳи тақвими эътироф карда мешавад.

15. Эъломияи андоз (замимаи №1 ва (ё) замимаи №2) то санаи 15–уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад ва дар ҳамин мӯҳлат андози ҳисобшуда пардохт карда мешавад.

## 7. Ҷавобгарӣ ва назорат барои пардохти андоз

16. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин кормандони мақомоти андоз барои нокифоя иҷро намудани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Кодекси андоз ва дигар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

17. Назорати пардохти андоз аз ҷониби мақомоти андоз анҷом дода мешавад.